# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим дар мавзӯи «Фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявию ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (ш. Душанбе, 2026. – 49 саҳ.).**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти муаллиф ба масъалаи фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, бо талаботи замони муосир ва рушди давлати ҳуқуқбунёд мутобиқат мекунад. Дар шароити ташаккули низоми муосири давлатдорӣ ва таҳкими пояҳои ҳуқуқии ҷомеа, масъалаи татбиқи самараноки қонунгузорӣ ва назорати иҷрои он аҳамияти махсус пайдо менамояд. Маҳз мақомоти прокуратура ҳамчун яке аз институтҳои муҳими ҳифзи қонуният дар низоми мақомоти давлатӣ вазифадор аст, ки риояи дақиқ ва якхелаи қонунҳоро дар тамоми соҳаҳои фаъолияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ таъмин намояд.

Дар давраи ҳозира татбиқи дақиқ ва якхелаи қонунҳо яке аз шартҳои асосии таҳкими низоми давлатдорӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ асоси фаъолияти самараноки давлат буда, иҷрои онҳо бе фаъолияти фаъол ва мунтазами мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда, аз ҷумла прокуратура, ғайриимкон аст. Прокуратура дар ин раванд на танҳо назорат бар иҷрои қонунҳоро амалӣ менамояд, балки дар татбиқи амалии меъёрҳои ҳуқуқӣ, пешгирии қонуншиканӣ ва барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи шаҳрвандон низ нақши калидӣ мебозад.

Аҳамияти таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура яке аз самтҳои муҳими

фаъолияти онҳо ба ҳисоб рафта, ба таъмини волоияти қонун, ҳифзи манфиатҳои давлат ва ҷомеа, инчунин ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона шудааст. Дар доираи фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ прокурор ваколатҳои гуногунро амалӣ менамояд, аз ҷумла иштирок дар баррасии парвандаҳои судӣ, назорат аз болои тафтиши пешакӣ ва таҳқиқи ҷиноятҳо, санҷиши риояи қонунгузорӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор.

Ҳамзамон таҳлили назариявӣ ва амалии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии прокуратура нишон медиҳад, ки дар ин самт як қатор масъалаҳои илмӣ ва амалии ҳалталаб вуҷуд доранд. Аз ҷумла, масъалаҳои такмили асосҳои ҳуқуқии фаъолияти прокуратура, муайян намудани ҷойгоҳ ва нақши он дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, баланд бардоштани самаранокии механизмҳои назорати прокурорӣ ва мутобиқ намудани фаъолияти он ба талаботи ислоҳоти ҳуқуқӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳими тадқиқотӣ ба ҳисоб меравнд.

Дар ин замина, омӯзиши амиқи фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти прокуратура имконият медиҳад, ки хусусиятҳои асосии ин фаъолият, шаклу усулҳои татбиқи ваколатҳои прокурорӣ ва самтҳои асосии такмили онҳо муайян карда шаванд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили қонунгузории соҳавӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти прокуратура ва таҳкими қонуният дар ҷомеа мусоидат намоянд.

Аз ин рӯ, омӯзиши фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии прокуратура, ки ҳамзамон вазифаҳои назоратӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ дорад, саривақтӣ ва мубрам буда, ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқшиносӣ, такмили фаъолияти амалии мақомоти прокуратура ва таҳкими асосҳои давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.Муаллиф дар таҳқиқоти худ натиҷаҳои нави илмӣ пешниҳод намудааст, ки онҳо дар натиҷаи таҳлили муқоисавии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, омӯзиши

васеи адабиёти ҳуқуқӣ ва таҷрибаи мақомоти прокуратура ва дигар сохторҳои давлатӣ ба даст омадаанд. Ин навовариҳо ҷиҳати фароҳам овардани тасаввури мушаххас дар бораи мақоми прокуратура дар раванди ҳуқуқтатбиқкунӣ, ҷудо намудани функсияҳои назоратӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ ва нишон додани самаранокии механизми амалии он аҳаммияти махсус доранд.

Навовариҳои асосии таҳқиқот дар хулосаҳо ва пешниҳодҳои амалӣ, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, равшан ифода ёфта, ба беҳтар фаҳмидани вазифаҳо ва имкониятҳои мақомоти прокуратура дар раванди татбиқи қонун, такмили санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ ва таҳкими заминаҳои меъёрии фаъолияти он равона шудаанд.

1. Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ, дар автореферати диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок низ ба назар мерасанд, ки ба тавзеҳи иловагӣ ниёз доранд. Дар автореферати диссертатсия муаллиф мафҳуми ягонаи фаъолияти ҳуқуқтатбиқкуниро ба кор набурдааст. Баъзан "фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ", "фаъолияти татбиқи ҳуқуқ", "фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозӣ" истифода шудааст. Хуб мешуд, ки муаллиф ба ин масъала таваҷҷуҳ дода, мафҳуми ягонаро пайгирӣ менамуд.

Ҳамчун натиҷаи таҳқиқоти илмӣ, диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим мукаммал, амиқ ва ҳамаҷониба буда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ва назорати прокурорро фаро гирифтааст. Муаллиф тавонистааст пешниҳодҳои мушаххас ва илмӣ ҷиҳати такмили фаъолияти прокуратура ва қонунгузории марбут пешниҳод намояд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар рушди назарияи ҳуқуқ, такмили амалияи қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти прокуратура саҳми назаррас дошта бошанд. Бо дарназардошти ин омилҳо, диссертатсияи Набизода Набӣ Мирзонаим ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои

илмӣ, тасдиқгардида бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, № 295), мутобиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Н.А. Холиқов

**Суроға:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Борбад 48/5
E-mail: dsx_ips@mail.ru
Тел.: корӣ 234-8802
Мобилӣ 100400879

**Имзои Холиқов Н.А. -ро**
**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.
«04» 03 2026 с.